# Тоҷикистон | TAJIKISTAN

TIER 1 | USCIRF-RECOMMENDED COUNTRY OF PARTICULAR CONCERN (CPC)

Комиссияи Иёлоти Муттаҳидаи Америко оид ба озодии дини байналмилалӣ (USCIRF) комиссияи мустақил ва дуҳизбии Ҳукумати федералии ИМА мебошад, ки мувофиқи Қонуни байналмилалии озодии дин аз соли 1998 (IRFA) ташкил шудааст ва ҳуқуқҳои озодии дин ва эътиқодро дар саросари ҷаҳон назорат мекунад. USCIRF стандартҳои байналмилалиро барои назорати нақзи озодии дин ё эътиқод дар хориҷа ба кор бурда, ба президент, котиби давлатӣ ва Конгресс оид ба масъалаҳои сиёсат тавсияҳо мекунад. USCIRF ниҳоди мустақил ва алоҳида аз Департаменти давлатии ИМА мебошад. Гузориши солонаи 2017 натиҷаҳои кори яксолаи кормандони ваколатдор ва мутахассисонро дар бар мегирад, ки кӯшиш кардаанд, нақзҳои дар маҳалҳо руйдодаро сабт намуда, ба Ҳукумати ИМА тавсияҳои мустақили худро оид ба масъалаҳои сиёсат пешниҳод намоянд. Гузориши солонаи 2017 давраи аз январи 2017 то декабри соли 2017-ро фаро мегирад, ҳарчанд дар баъзе мавридҳо ба баъзе рӯйдодҳои муҳимме низ ишора шудааст, ки пеш ё пас аз ин давра рух додаанд. Барои дарёфти маълумоти бештар дар бораи USCIRF сомонаи онро дар инҷо бубинед ё бо USCIRF мустақиман ба рақами телефони 202-523-3240 тамос гиред.

## Тоҷикистон

**Хулосаҳои асосӣ:** Дар соли 2017, дар шароити шадидтар шудани назорат дар Тоҷикистон аз ҷониби Президент Эмомалӣ Раҳмон ва оилаи ӯ, Ҳукумати Тоҷикистон пешгирии зуҳури диндории мардум, ҳамчунин таъқиби ҷамоатҳои ақаллиятро идома дод. Ҳукумати Тоҷикистон фаъолияти динии мустақил ва берун аз назорати давлатӣ, аз ҷумла фаъолиятҳои мусулмонон, протестантҳо ва шоҳидони Яҳуваро саркӯбӣ карда, шахсони алоҳидаро бо иттиҳомоти беасоси ҷиноӣ бинобар ҳуввияти мусулмонии онҳо ба ҳабс мекашад. Афроде, ки ба зиндон маҳкум шудаанд, аз мусулмонони гумонбар ба пайравӣ аз ҷараёни Салафия, шоҳиди Яҳува, ки бинобар боварҳои мазҳабияш аз хидмати ҳарбӣ худдорӣ кардааст ва пастори протестантӣ иборатанд. Мақомот мушаххасоти гуногуни эътиқоду бовари мардумро пайгирӣ мекунанд, то ҳадде ки маросимҳои тӯй ва ҷанозаро маҳдуд карда, барои риш мондан иҷозатнома дархост менамоянд. Таҳсилоти олии динии исломӣ тақрибан пурра барҳам дода шуд ва барои пешгирӣ кардани иштироки мардум дар моҳи рамазон кӯшишҳо карда шуданд. Идомаи шиканҷаи вакили мудофеи маҳбус, ки намояндаи аъзои ҲНИТ-и манъшуда буд, инчунин аъзои хонаводаи ин вакил ва аъзои дигари ҲНИТ ҳокӣ аз инҳисори Ҳукумати Тоҷикистон дар фазои сиёсӣ аст; мавҷудияти қонунии ҳизби ҲНИТ як бахши созишномаи сулҳи пасазҷангӣ буд. Бар асоси ин нигарониҳо, ки аз соли 2012 ин тараф ҷой доранд, USCIRF бори дигар дар соли 2018 Тоҷикистонро мувофиқи IRFA ба сифати "кишвари боиси нигарониҳои хос" ё CPC муайян мекунад. Департаменти давлатии ИМА Тоҷикистонро ҳамчун кишвари CPC бори аввал моҳи феврали соли 2016 ва ахиран бори дигар моҳи декабри соли 2017 муайян карда буд.

**Тавсияҳо ба Ҳукумати ИМА**

- Идома додан ба таъини Тоҷикистон ҳамчун кишвари CPC мувофиқи IRFA;

- Бинобар кишвари CPC таъин шудани Тоҷикистон аз байн бардоштани лағви қабули иқдомот ва мувофиқи бахши 405(c)-и IRFA анҷом додани гуфтушунид оид ба созишномаи ҳатмӣ бо Ҳукумати Тоҷикистон барои ба даст овардани ислоҳоти махсусу пураҳамият, ки меъёрҳои онро ислоҳоти асосии қонунгузорӣ, хотима додан ба ҳамлаҳои милиса, озод кардани маҳбусон ва дастрасии бештар ба ҳаммазҳабони хориҷӣ ташкил медиҳад; дар сурати ба даст наомадани чунин созишнома пеш гирифтани таҳримҳо, ба тавре ки дар IRFA пешбинӣ шудааст;

- Шарт кардани кӯмакҳои ИМА ба Ҳукумати Тоҷикистон, ба ғайр аз кӯмакҳои марбут ба беҳсозии шароитҳои инсонӣ ва пешбурди ҳуқуқи башар, кӯмак ба ҳукумат барои муқаррар ва амалӣ кардани ҷадвали иқдомоти мушаххас оид ба ислоҳоти Қонуни дин аз соли 2009 ва беҳтар кардани шароитҳои озодии дину эътиқод;

- Истифода кардани воситаҳои мақсаднок нисбати шахсони мансабдор ва агентиҳои махсус, ки иштирок доштан ё масъул будани онҳо дар нақзи ҳуқуқи башар, аз ҷумла мавридҳои махсусан шадиди нақзи озодии дин муайян шудааст; ин воситаҳо иборатанд аз: рӯйхати "шаҳрвандони махсусан таъиншуда", ки аз тарафи Дафтари назорати дороиҳои хориҷии Департаменти хазинадорӣ мураттаб гардидааст, рад кардани дархости раводид мувофиқи қисми 604(a)-и IRFA ва Қонуни ҷаҳонии Магнитский (Global Magnitsky Human Rights Accountability Act), инчунин масдуд кардани дороиҳо мувофиқи Қонуни ҷаҳонии Магнитский;

- Кор бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан ҳангоми чорабиниҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (OSCE) дар мубориза бо терроризм, бояд танқиди хусусӣ ва ҷамъиятии муносибати Тоҷикистонро ба масъалаи танзими дин ва мубориза бо терроризм фаро гирад, зеро чунин муносибат хатари ифротӣ шудани аҳолии кишварро ба миён меоварад;

- Даъват намудани Ҳукумати Тоҷикистон ба иҷозат додани боздидҳои гузоришгарони махсуси СММ (UN) оид ба озодии дин ва эътиқод, мустақилияти системаи судӣ ва шиканҷа, таъин намудани рӯзҳои муайяни боздидҳо ва таъмин кардани шароити комилу лозимӣ барои ташкили чунин боздидҳо;

- Дар баландтарин сатҳҳо пофишорӣ ва талаб кардани озодии фаврии шахсоне, ки барои мансубияти мазҳабӣ ё фаъолиятҳои амни динияшон зиндонӣ шудаанд ва водор

намудани Ҳукумати Тоҷикистон ба муносибати инсондӯстона нисбати маҳбусон, иҷозат додани дастрасии онҳо ба оилаҳои худ, нозирони ҳуқуқи башар, хидмати муносиби тиббӣ ва вакилони мудофеъ, инчунин фароҳам кардани имконият барои иҷрои фароизи динӣ;

- Боварӣ ҳосил намудан, ки сафорати ИМА, аз ҷумла дар сатҳи сафирон, бо фаъолони ҳуқуқи башар ва роҳбарони динӣ робитаҳои муносиб ташкил мекунад;

- Боварӣ ҳосил намудан, ки ИМА маблағгузории Радиои Озодиро идома медиҳад, то ин ки нашри маълумоти мамнӯъ (ғайрисензурӣ) дар бораи воқеаҳои дохилии кишвари Тоҷикистон, аз ҷумла воқеаҳои марбут ба озодии дин, идома меёбад; ва
- Боварӣ ҳосил намудан, ки ИНТЕРПОЛ барои баррасии бештар муассири шикоятҳо дар бораи сӯиистифода аз боздоштҳои байналмилалӣ ва дархостҳои истирдод, ки ҳамчун "огоҳиҳои сурх" маълум аст ва ба таъқиби мухолифони сиёсию динӣ нигаронида шудааст, ислоҳотҳои эълонкардаашро амалӣ мекунад.

**Замина**

| |
|---|
| **Тоҷикистон**<br>**Номи пурра:** Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>**Ҳукуматдорӣ:** Ҷумҳурии президентӣ<br>**Аҳолӣ:** 8,400,000<br>**Дин ва мазҳабҳои аз ҷониби давлат ба расмият шинохташуда:** ислом ва насроният (православӣ, католикӣ ва протестантӣ)<br>**Демографияи динӣ*:**<br>90% мусулмонон (86% суннӣ ва 4% шиа)<br>10% дигар мазҳабҳо (аз ҷумла, русҳои православӣ, протестантҳо, католикҳо, шоҳидони Яҳува, буддоиҳо, яҳудиён ва баҳоиён)<br>*Департаменти Давлатии ИМА |

Тоҷикистон як кишвари дурдаст ва қашшоқ шудаест, ки аз соли 1992 ба ин сӯ аз ҷониби Президент Раҳмон, ки қудратро дар дасти оилаи худ нигоҳ медорад, идора мешавад; дар моҳи январи соли 2017 Президент Раҳмон писари худро раиси пойтахти кишвар таъин кард. Дар солҳои 1990 Тоҷикистон ҷанги панҷсолаи шаҳрвандиро паси сар кардааст, ки дар натиҷаи он беш аз 100000 нафар ҷон бохтаанд; авфи пасазҷангӣ бисёре аз мансабдорони расмии кишварро дар бар мегирифт, ки ба истифодаи шиканҷа масъул дониста шудаанд. Ҳукумати Тоҷикистон сусту хеле фасодзада буда, 40 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар аз маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ, асосан аз Русия иборат аст.

Муҳити ҳуқуқии озодиҳои динӣ дар Тоҷикистон пас аз қабул ва амалӣ шудани як қатор қонунҳои бениҳоят маҳдудкунанда дар соли 2009 ба таври назаррас бад шуд. Қонуни дин аз соли 2009 барои гурӯҳҳои мазҳабӣ талаботҳои сахти бақайдгирӣ ҷорӣ мекунад; мувофиқи он фаъолиятҳои мазҳабии ба қайд гирифта нашуда, таълимоти хусусии динӣ ва таблиғоти динӣ (прозелитизм) ҷурми ҷиноӣ маҳсуб меёбад; дар бобати миқдор ва андозаи масҷидҳо маҳдудияти сахт ҷорӣ мекунад; дар таъини имомон ва мӯҳтавои хутба дахолати давлатро иҷозат медиҳад; аз ташкилотҳои динӣ барои таъмини омӯзиши динӣ ва робита бо ҳаммазҳабони хориҷӣ иҷозати расмӣ дархост менамояд; бар рӯи мӯҳтаво, нашр ва воридоти маводҳои динӣ назорати давлатӣ ҷорӣ мекунад. Гурӯҳҳои хурди протестантӣ ва дигар гурӯҳҳо зери фишори талаботҳои бақайдгирӣ мақоми расмӣ ба даст оварда наметавонанд. Мазҳаби Шоҳидони Яҳува дар соли 2007 зоҳиран барои изҳори "норизоятӣ" ва худдорӣ аз хидмати ҳарбӣ бо сабаби эътиқоду дин манъ шуда буд.

Тағйиротҳое, ки дар соли 2011 ва 2012 ба Кодекси ҷиноӣ ва маъмурӣ ворид шуданд як қатор ҷазоҳои нав, аз ҷумла ҷаримаҳои калон ва мӯҳлатҳои зиндон барои иттиҳомоти марбут ба дин, ба монанди ташкил ё иштирок дар ҷамъомадҳои "иҷозатнашудаи" диниро муайян намудааст. Барои ташкилкунандагони эҳтимолии "гурӯҳҳои омӯзишии ифротии динӣ" аз ҳашт то дувоздаҳ соли зиндон муқаррар шудааст. Қонуни соли 2011 оид ба масъулияти падару модарон иштироки ноболиғон дар ҳама гуна фаъолиятҳои муташаккили динӣ, ба ҷуз маросими ҷанозаро манъ мекунад. Қонуни Тоҷикистон "Дар бораи ифротгароӣ" фаъолиятҳои ифротгароӣ, террористӣ ё инқилобиро бидуни амалҳое, ки боиси зӯроварӣ ё барангехтани хушунат мегарданд, мавриди ҷазо қарор медиҳад. Дар мурофиаҳои судии ин гуна иттиҳомот додрасии боадолатона ва кафолатҳои мурофиавӣ мавҷуд нестанд. Ҳукумати Тоҷикистон барои асоснок намудани амалҳои худ алайҳи шахсоне, ки дар фаъолиятҳои муайяни динию сиёсӣ иштирок мекунанд, нигарониҳояшро оид ба ифротгароии исломӣ сабаб меорад. Ҳарчанд мавҷудияти ҲНИТ, ягона ҳизби сиёсии расмии исломии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, як шарти созишномаи сулҳи пасазҷангӣ буд, дар моҳи сентябри соли 2015 Ҳукумати Тоҷикистон онро ҳамчун гурӯҳи ифротгаро манъ кард. Саркӯб кардани ҲНИТ аз ҷониби давлат бо кӯшишҳои давлат барои таъқиб кардани фаъолиятҳои динии исломӣ бо ҳам марбут мебошанд; ин ҳизб ба эҳтиром кардани сарқонуни дунявӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалии озодии дин даъват мекард, инчунин ба маҳдудиятҳои ришмонӣ, ҳиҷоб ва намозгузории кӯдакон дар масҷидҳо мухолифат нишон медод.

**Шароити озодии дин дар соли 2017**

***Мурофиаҳо ва боздошти мусулмонон:*** Дар соли 2017 пайравони ҳам воқеӣ ва ҳам гумонбари ҷараёни салафияи ислом ҳадафи қисмати бештари таъқиботи судии Ҳукумати Тоҷикистон гаштанд. Салафия ҳамчун ҷараёни "ифротгаро" аз соли 2009 дар Тоҷикистон манъ шудааст ва чун натиҷа, танҳо иҷрои ойинҳои исломӣ ба шеваи салафиён муодил ба фаъолияти ҷиноӣ аст. Барои маҳкум кардани салафиён ба мӯҳлатҳои дарози зиндон ҳеҷ

гуна тарғибот, омодагӣ ба ва ё иҷрои амалҳои хушунатбор зарур нест. Дар соли 2017 мувофиқи хабарҳо ҳадди ақал 20 нафар бо ҷурми салафӣ будан ба мӯҳлати байни панҷ ва панҷу ним сол зиндонӣ шуданд. Масалан, моҳи декабри соли 2017 се мард аз шаҳри Хуҷанд, Муҳиддин Мирзоев, Хайрулло Исмоилов ва Ҳасан Ҷабборов, ҳар яке барои намозгузорӣ ба шеваи салафиён ба панҷ соли зиндон маҳкум шуданд; се марди дигар ҳар яке барои огоҳ накардани мақомот дар бораи ба "шеваи ғайримаъмулӣ" намоз гузоштани айбдоршавандагон ба шаш моҳи зиндон маҳкум шуданд.

Бо назардошти ноқис будани системаи судии Тоҷикистон муайян кардани дақиқии чунин иттиҳомот анқариб ғайриимкон аст. Дар байни онҳое, ки дар соли 2017 бо ҷурми салафияи эҳтимолӣ боздошт шуданд, пизишк Абдумалик Саломов, ҷарроҳи дил аст, ки тайи даҳ сол дар Русия дар бемористони вазорати дифои Русия кор кардааст ва соли 2015 барои кӯмак бо камбуди ҷиддии мутахассисони соҳаи тиб ба Тоҷикистон баргаштааст. Бо вуҷуди он ки Саломов ҳеҷ гуна аломатҳои зоҳирии мансубият ба ҷараёни салафиро надошт ва риш намонда буд, ҳамсараш, ки ӯ ҳам духтур аст, ҳиҷоб намепӯшид, мувофиқи гузориши агентии хабарнигории мустақили Азия Плюс ӯ ва ду дӯсти дигараш моҳи ноябри соли 2017 ба панҷу ним соли зиндон маҳкум шуданд. Дар ҳоле ки радиои Озодӣ хабар дод, ки пизишк Саломов дар маъракаи оши аз тарафи салафиёни маҳаллӣ дода шуда иштирок кардааст, Форум 18 гузориш дод, ки боздошти Саломов шояд қасос барои ришва надодани бародаронаш ба мақомоти амниятии маҳаллӣ бошад.

Инчунин истифодаи худсаронаи истилоҳи «салафӣ» аз ҷониби мақомот моҳи ноябри соли 2017 мушоҳида шуд, вақте як мақоми расмӣ дар шаҳраки Чоряккорон ҳангоми сарзаниши намозгузорони масҷиди «ғайрирасмӣ» ва таҳдиди салафӣ эълон кардани онҳо ба навори камера сабт шуда буд. Ҳарчанд он мақом дертар ба таври расмӣ узрхоҳӣ кард, масҷид дар ниҳояти кор баста шуд.

***Таъқиботи ҲНИТ:*** Аз замони манъ шудани ҲНИТ дар соли 2015 тақрибан 150 нафар аъзои аокеӣ ё гумонбари он боздошт шуданд ва гузориш мешавад, ки ҳадди ақал 1000 нафар кишварро тарк карданд; Ҳукумати Тоҷикистон ба истирдоди онҳо, махсусан тавассути "огоҳии сурх"-и ИНТЕРПОЛ (огоҳӣ дар бораи он ки шахс дар кишвари узв таҳти ҳукми боздошт қарор дорад) пофишорӣ мекунад. Роҳбари ҲНИТ Муҳиддин Кабирӣ, ки дар кишвари номаълуми Аврупои ғарбӣ паноҳандагии сиёсӣ ба даст овардааст, иддао мекунад, ки иттиҳомоти ифротгароӣ алайҳи ҳизби ӯ сохта мебошанд ва ангезаи сиёсӣ доранд. Моҳи июни соли 2016 муовинони роҳбари ҲНИТ Саидумар Ҳусайнӣ ва Маҳмадалии Ҳаит ба ҳукми абад ва 11 нафари дигар то ба 28 соли зиндон маҳкум шуданд. Сафорати ИМА дар Тоҷикистон дар бораи баррасии одилонаи ҳуқуқӣ ва нигарониҳои вазъи ҳуқуқи башар дар ҷараёни мурофиаҳои судӣ ошкоро изҳор намуд. Моҳи октябри соли 2016 сафорати ИМА нигарониҳои худро оид ба мурофиаи вакилони мудофеи ҲНИТ Бузургмеҳр Ёров ва Нуриддин Маҳкамов баён намуд, ки мутобиқан ба 23 ва 21 соли зиндон маҳкум шуда буданд. Дар соли 2017 ҳукумат ҷазодиҳии Ёровро барои фошгӯияш

идома дод; моҳи марти соли 2017 барои беҳурматӣ нисбати додгоҳ ва "таҳқир дар ҳаққи пешвои миллат" ба ҳукми ҳабси ӯ 5 соли иловагӣ зам шуд. Худи ҳамон моҳ вакили мудофеи Ёров ба Олмон паноҳ бурд, моҳи майи соли 2017 бародари Ёров низ аз кишвар рафт. Моҳи августи соли 2017 ҳамсари Ёров хабар дод, ки ҳукумат мағозаи ӯро мусодира кард. Моҳи октябри соли 2017 Радиои Озодӣ хабар дод, ки Ёров ба муддати 15 рӯз барои танқиди шароити зиндон дар боздоштгоҳи ҷаримавӣ нигоҳ дошта ва шиканҷа шуд.

Моҳи июли соли 2017 Радиои Озодӣ ва Азия Плюс гузориш доданд, ки пас аз баргузории ҷамъомади ҲНИТ дар Олмон мақомоти тоҷик аъзои хонаводаи ҳадди ақал даҳ нафар узви ҲНИТ-ро, ки тарки кишвар кардаанд, истинтоқ карданд. Вазири корҳои дохилии кишвар баъдтар рад кард, ки ин истинтоқ боиси тарсонидани онҳо шуда бошад.

***Маҳдудиятҳо нисбати мусулмонон***: Ҳукумати Тоҷикистон фаъолиятҳои динии исломиро дақиқан назорат карда, кӯшиш менамояд, ки ҳатто хурдтарин ҷузъиётҳоро, ба монанди шахсият, синнусол, замон, макон ва тарзи баёни эътиқоди динӣ танзим кунад. Қонуни дин намозгузории мусулмононро дар чаҳор ҷой маҳдуд мекунад: масҷидҳо, қабристонҳо, хонаҳо ва мазорҳо. Кумитаи оид ба корҳои дин интихобу нигоҳдории имомон ва мӯҳтавои хутбаҳои намозро назорат менамояд. Ҳукумат маоши имом-хатибонро дар масҷидҳои ҷомеъ пардохт мекунад; ин масҷидҳо танҳо масҷидҳое мебошанд, ки давлат намозгузориро дар он ҷо иҷозат медиҳад (хутбаҳои намоз қаблан аз ҷониби Шӯрои нимарасмии уламо таҳия мегардад).

Дар соли 2017 чорабиниҳои муайян бар зидди либос, риштарошӣ ва маъракаҳои умумӣ андешида шуданд. Ба назар мерасад, ки нишонаи оғози ин иқдомҳо чорабиние бахшида ба даҳсолагии қонуни "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо" дар моҳи июли соли 2017 буд. Ҳангоми суханронӣ дар ин чорабинӣ Президени Раҳмон хусусияти "хориҷии" либоси анъанавии исломиро қайд карда, аз Қонуни анъанаҳо, ки туфайли он мардуми Тоҷикистон аз хароҷотҳои барзиёд барои ҷашну маросимҳо орӣ шудаанд, дастгирӣ намуд ва ба ворид кардани тағйиротҳои бештар ба ин Қонун даъват кард. Моҳи оянда ҳукумат як силсила тағйиротҳоро ба қонуни анъанаҳо ворид кард, ки мувофиқи онҳо доираи васеи анъанаҳои издивоҷ, маросимҳои ҷаноза ва таваллуди кӯдак, инчунин либоси исломӣ танзим шуданд. Бисёрии маросимҳои манъшуда зиёфатҳо ё ошҳои маросимиро, ки ба ёру дӯстон, хешутабор ва ҳамсоягон дар мавридҳое, ба монанди тӯйи арӯсӣ ё гаҳворабандони кӯдаки навзод дода мешавад, танзим мекунанд; танзимот дар маҷмӯъ ҷашнгирии ин маросимҳоро манъ мекунанд ё миқдори меҳмонони даъватшуда, хӯроки пешкашшуда, забҳи чорво ва ҳаҷми дастархон, инчунин хадамоти дигарро ба монанди ходимони маъракаҳо ва марсияхонон маҳдуд менамояд.

Ба ин минвол саркӯб кардани диндории мардум идома ёфта, моҳи июни соли 2017, ҳангоми Иди фитр, ки ба рӯзи душанбе рост омад, аз ҳамаи кормандони давлатӣ талаб карда шуд, ки ба кор ҳозир шаванд, ҳарчанд мувофиқи қонун ин рӯз рӯзи истироҳат аст.

Шӯрои уламои давлатӣ ҳатто изҳор кард, ки идгардак – анъанаи маҳаллии иди фитр, ки ҳангоми он кӯдакон барои ҷамъоварии ширинӣ ба хонаи ҳамсоягон меравaнд – анъанаи ғайрисломӣ аст. Моҳи августи соли 2017 ҳукумат иваз кардани рӯзи Дониш, рӯзи аввали оғози соли хонишро, ки тасодуфан бо рӯзи ид ал-адҳо, яке аз муҳимтарин идҳои тақвими исломӣ (дар Тоҷикистон бо номи иди қурбон машҳур мебошад), рад кард. Ба ҷойи он аз донишҷӯён ва устодон дархост карда шуд, ки ба мактаб оянд. Форум 18 гузориш дод, ки кӯчаҳои шаҳри пойтахт, ки одатан рӯзи ид серодаманд, холӣ буданд ва сокинон аз идкунӣ тарс доштанд. Ба ҳамин минвол, ҳоҷиёни аз зиёрати Макка баргашта - ҳоло шахсони аз 40сола боло иҷозати ҳаҷро доранд - огоҳ шуданд, ки наметавонанд дар маъракаҳои бузургдошти адои ҳаҷ иштирок кунанд.

Моддаи нави 14, қисми 4-и Қонуни “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо” барои чорабиниҳои пешина ва ҷории таъқиби занони ҳиҷобпӯш баъзе заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам кардааст ва шаҳрвандонро муваззаф мекунад, ки “либоси миллӣ” пӯшанд. Мақомот гузориш доданд, ки танҳо дар ду ҳафтаи аввали моҳи август дар шаҳри Душанбе бо 8000 нафар зан дар бораи ҳиҷоб сӯҳбатҳои пешгирикунанда гузаронидаанд. Агентиҳои хабарнигорӣ гузориш доданд, ки дар давоми сол гурӯҳҳои кормандони милиса ва шаҳрдорӣ бо занон дар саросари кишвар тамос гирифта, дархост намуданд, ки рӯймолҳои худро аз пушти сар банданд, то ки гарданҳояшон боз бошад. Онҳое, ки саркашӣ карданд, боздошт шуданд ва дар посгоҳҳои маҳаллии милиса ба навиштани баёнотнома водор карда шуданд, дар ҳоле ки баъзеҳо аз пардохти ҷарима хабар доданд. Ҳарчанд, бинобар он ки дар моддаи марбут ба либоси миллӣ барои риоя нашудани талабот ҷаримаи мушаххасе муайян нашудааст, Прокуратураи генералӣ водор гардид, ки ба таври расмӣ ғайриқонунӣ будани ҷаримаҳоро эълон кунад. Ба ҳамин монанд, дар идомаи чорабинии риштарошии ҳатмӣ дар соли 2016 ришмонии мардон низ доиман мавриди таваҷҷӯҳи милиса қарор гирифтааст. Моҳи октябри соли 2017 Радиои Озодӣ гузориш дод, ки се узви дастаи ҳунарии шаҳри Конибодом пас аз такроран аз ҷониби милиса нигоҳ дошта шуданашон, барои ришмонӣ бо сабаби нақшҳои саҳнавӣ иҷозатнома ба даст овардаанд.

Барои омӯзиши динӣ иҷозатномаи давлатӣ лозим аст ва волидайн барои таълими кӯдакон бояд иҷозати хаттӣ диҳанд. Танҳо масҷидҳои марказӣ иҷозати ташкили гурӯҳҳои омӯзиширо доранд; ҳарчанд, вазорати маориф ҳеҷ гуна иҷозатномаи заруриро содир накардааст. Форум 18 қайд кард, ки пас аз силсилаи мадрасабандиҳо дар соли 2016 дар Тоҷикистон ҳеҷ мадрасае барои таълими аз 16 то 18 солаҳо иҷозати фаъолият надорад. Моҳи январи соли 2017 хабарнигории Азия-Плюс хабар дод, ки шумораи довталабони омӯзиш дар Донишкадаи исломӣ, охирин муассисаи таълимоти олии исломӣ дар Тоҷикистон, ним баробар кам шуд. Ҳарчанд ректори Донишкада аз шарҳи сабаби коҳиши сахти довталабон худдорӣ кард, эҳтимолан фишори давлат боиси ин ҳолат шудааст.

***Бадрафторӣ бо масеҳиён:*** Ҳамон тавре ки дар дигар кишварҳои собиқи шӯравӣ ба назар мерасад, Ҳукумати Тоҷикистон нисбати гурӯҳҳои хурди масеҳиён, махсусан тарафдорони

прозелитизм хеле шубҳа дорад. Ҳарчанд таъқибот одатан бо тафтишоти ногаҳонӣ, ҷаримаҳо ва боздоштҳои муваққатӣ маҳдуд мешавад, масеҳиён аз боздошт ба мӯҳлатҳои тӯлонӣ истисно нестанд. Моҳи июли соли 2017 Баҳром Холматов, роҳиби куриёии калисои Сонмин Сонбогум воқеъ дар шаҳри Хуҷанд бо иттиҳомоти ифротгароӣ ҳангоми ибодат ба се соли зиндон маҳкум шуд. Холматов моҳи апрели соли 2017 пас аз ҳамлаи ногаҳонии милиса ба калисо боздошт шуд. Мувофиқи маълумоти Форум 18, тафтиши ногаҳонии апрелӣ пас аз баста шудани калисои пайрави шаҳри Конибодом дар моҳи феврал ва бекор мондани якчанд пайравони ин калисо анҷом гирифт. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иддао карданд, ки дар китоби сурудҳои калисои Холматов, инчунин дар нусхаи *"На танҳо наҷҷор"* (*More Than a Carpenter)*, пурфурӯштарин китоби масеҳӣ дар зарфи 40 сол, мансуб ба муаллифи амрикоӣ Ҷош Макдовелл (Josh McDowell) далелҳои ифротгароӣ пайдо намудаанд.

Ҳамонанди ҷомеаи мусулмонон, Ҳукумати Тоҷикистон аз таълимоти динии кӯдакон хеле дар ҳарос аст. Моҳи октябри соли 2017 мақомот калисои протестантии "Дарёи зиндагӣ"-ро дар шаҳри Душанбе тафтиши ногаҳонӣ карданд ва фаъолиятҳои онро тавассути ба навори видеоӣ гирифтани ибодатҳо ва фаъолияти кӯдакон тахти назорат қарор доданд; дертар як ибодаткунанда барои бо худ доштани матни русии динӣ, ки аз шабакаи интернет чоп кардааст, ҷарима шуд. Дар моҳи апрели соли 2017 Форум 18 хабар дод, ки ду боғчаи кӯдакон дар шаҳри Душанбе барои ба кор гирифтани масеҳиён баста шуданд.

***Зиндонӣ шудани онҳое, ки бинобар боварҳои мазҳабияшон аз хидмати ҳарбӣ худдорӣ мекунанд:*** Тоҷикистон худдорӣ аз хидмати ҳарбиро бинобар боварҳои мазҳабӣ истисно намекунад. Моҳи октябри соли 2017 шоҳиди Яҳува Даниил Исломов, ки ба хидмати ҳарбӣ дар сафи қувваҳои мусаллаҳи тоҷик даъват шуда буд, барои даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ ба шаш моҳи зиндон маҳкум шуд. Ҳамон моҳ Гурӯҳи кории СММ оид ба боздошти ғайриқонунӣ ба озод кардани Исломов даъват кард.

**Сиёсати ИМА**

Тоҷикистон аз ҷиҳати стратегӣ барои ИМА муҳим аст, қисман бо он сабаб, ки тоҷикон дуюмин гурӯҳи калони қавмӣ дар Афғонистон, ҳамсояи ҷанубии Тоҷикистон мебошанд. Азбаски хуруҷи низомиёни НАТО ва ИМА аз Афғонистон идома дорад, ИМА аз соли 2010 ба ин тараф ҳамкории худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон густариш дод, то ин ки борҳои худро бо роҳи заминӣ тавассути шабакаи тақсимотии шимолӣ интиқол дода тавонад. Тоҷикистон вуруди Қувваҳои амалиётии махсуси ИМА-ро ба қаламрави худ дар асоси баррасии ҳар як масъалаи мушаххас ҳангоми иҷрои амалиётҳои зиддитеррористӣ иҷозат додааст.

Моҳи сентябри соли 2017 Котиби Давлатии ИМА Рекс Тиллерсон дар Нюйорк ҷаласаи вазирони кишварҳои узви C5+1-ро доир кард, ки дар он вазирони корҳои хориҷии панҷ

кишвари Осиёи Марказӣ ва ИМА барои баррасии масоили гуногуни чандҷониба, аз ҷумла эҳтиром гузоштан ба озодиҳои асосӣ ҷамъ омаданд. Аввали моҳи майи соли 2017 Муовини ёвари Котиби Давлатӣ барои Осиёи Марказӣ Даниел Розенблум аз Тоҷикистон боздид кард ва бо вазири корҳои хориҷӣ вохӯрд. Аз соли 2010 ба ин тараф, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Тоҷикистон масоили сиёсати дуҷониба ва кӯмаки иқтисодиро дар Машварати дуҷонибаи солона (ABC) мавриди муҳокима қарор додаанд. Ҳарчанд ABC дар соли 2017 баргузор нашуд.

Моҳи декабри соли 2017 Департаменти Давлатӣ таъиноти Тоҷикистонро ҳамчун кишвари CPC таҷдид кард. Ҳарчанд бо назардошти “зарурати ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба манфиатҳои муайяни асосии амнияти миллии ИМА, аз ҷумла кӯшишҳои дастаҷамъии мо дар мубориза бо ифротгароии хушунатбор ва терроризми байналмилалӣ” қабули ҳама гуна иқдом ҳамчун натиҷаи таъиноти CPC “дар мутобиқат бо манфиати муҳими миллии ИМА” лағв карда шуд.